# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Суруд яке аз жанрҳои маъруф дар адабиёти гуфтории мардум ё нутқи шифоҳӣ аст, ки тайи асрҳо чи аз ҳайси шаклу сохтор ва чи аз нигоҳи мазмуну мундариҷа инкишоф ёфта, то имрӯз забонзади хоссу ом гаштааст. Тоҷикон дар тули давраҳои гуногуни таърих минтақаҳои гуногуни зисти хеш тавассути суруд ҳолоти мухталифи руҳии худро бозгӯ карда, тавассути он олому хушнудӣ ва, умуман, бардоштҳои хешро аз таъсироти замону иҷтимоъ, муҳит ва зиндагӣ дар силки гуфтор медароварданд.

Мавзуъе, ки Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир ба он даст задааст, маҳз ба жанри суруд ва вижагиҳои адабии он ихтисос ёфтааст. Бо ин ки то имрӯз дар атрофи мавзуи суруд аз ҷониби адабиётшиносони тоҷик таҳқиқоти зиёде рӯйи кор омадааст, аммо роҷеъ ба хусусиёти аввалдараҷаи он, ки марбут бар поэтика ва бадеият ё корбурди орояҳои сухан дар эҷоди суруд мебошад, то ҳанӯз дар адабиётшиносии муосир таҳқиқоти алоҳидаву густарда дар шакли як рисолаи диссертатсионӣ анҷом напазируфтааст.

Чи гуна ки аз афторефератi Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дида мешавад, таҳқиқоти диссертатсионии ӯ «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» унвон дошта, иборат аз муқаддима, чаҳор боб бо фарогирии 18 фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёти корбурдшуда мебошад.

Дар муқаддима муаллиф кӯшиш намудааст, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқи худ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ сухан ронда, зарурати таҳқиқи мавзуи интихобкарда ва то чи дараҷа наву актуалӣ будани онро баррасӣ намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия – “**Истилоҳ ва хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ**”, ки иборат аз ду фасл мебошад, муаллиф роҷеъ ба вожаи суруд, авомили ба истилоҳ табдил ёфтани он ва, ҳамчунин, муродифоти он сухан рондааст. Аз таҳлилҳо ва муҳокимарониҳои муаллиф тааммуқи ӯ ба таърихи пайдоиши вожаи “суруд” муайян мегардад, чун ӯ ҷиҳати маълум намудани шаклҳои ибтидоии вожаи мазкур ва маъниҳои он ба сарчашмаҳои қадими эронӣ, минҷумла китоби “Авасто” ва дигар маъхазҳои дасти аввал, ҳамчунин, кутуби луғат муроҷиат карда, чигунагии шаклӣ ва маъноии вожаи “суруд”-ро кушудааст.

Дар боби мазкур муаллиф, ҳамчунин, оид ба хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ таҳқиқот бурда, вижагиҳои мутанаввеи онҳоро дар мисоли суруд, тарона, бадеҳа ва даргилик муайян сохтааст.

Дар боби дувуми диссертатсия – “**Гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ**”, ки ҳам фарогири ду фасл аст, муаллиф роҷеъ ба чигунагии ҷамъоварии анвои сурудҳое, ки мухтасс ба мардум мебошанд ва чигунагии ҷараёни пажӯҳиши онҳо сухан рондааст.

Дар иртибот бо ваҷҳаи ҷамъоварии мутуни сурудҳои халқӣ муаллиф номгӯйи зиёде аз сарчашмаҳо ва осори таҳқиқии муосирро қайд кардааст, ки ин аз мушоҳидаҳо ва фурӯравии ҷиддии вай ба умқи мавзуи интихобнамуда ва масоили дарпешгузоштааш далолат менамояд. Номгӯйи зиёди асомии муҳаққиқони хориҷу ватанӣ ва номи осори зиёд, ки дар онҳо оид ба сурудҳои халқӣ маълумот дода шудаанд, гувоҳи ин гуфтаҳоянд.

Дар иртибот бо чигунагии сатҳи пажӯҳиши сурудҳои халқӣ муаллифи диссертатсия низоми шоистаи таҳқикро ба кор бурда, аз се роҳ: 1) мақолаҳо; 2) сарсухани маҷмуаҳои алоҳида ва 3) рисолаҳои диссертатсионӣ ба ҳалли масъала даст ёфтааст. Ӯ сатҳу дараҷаи таҳқиқотеро, ки то ҳанӯз дар атрофи жанри суруд то ба ҳол анҷом

пазируфтаанд, бозкушо карда, чигунагии робитаи онҳоро бо мавзуи кори худ баррасӣ намудааст.

Дар боби 3-юми таҳқиқоти диссертатсионӣ – “**Анвоъ ва мавзуъҳои сурудҳои халқии тоҷикӣ**”, ки бардӯшдори густардатарин қисмати кор аст, муаллиф дар гунҷои 9 фасли алоҳида роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни сурудҳои халқӣ, амсоли: чигунагии масоили таснифоти сурудҳои халқӣ, анвоъ ва мавзуъҳои зибаҳси сурудҳои мазкур, сурудҳои маросимии мавсимӣ; сурудҳои маросимӣ: сурудҳои маросими суру хушнудӣ, маросими мотаму андӯҳ; сурудҳои ғиноӣ, сурудҳои таърихӣ, ҳамосӣ, ҳаҷвӣ, динӣ, сурудҳои “Алла” ва бачагона таҳқиқот бурдааст. Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқи масоили марбут бар танаввуи сурудҳои халқӣ ва кушудани вижагиҳои мавзуии онҳо муаллиф, дар ҳақиқат, муваффақ гардидааст.

Боби 4-уми рисолаи диссертатсионӣ – “**Сохтор, воситаҳои тасвири бадей, вариантнокӣ ва услуби сурудҳои халқии тоҷикӣ**”, ки хотимаи мавзуи асосии пажӯҳиш ба ҳисоб меравад, муаллиф дар ҳаҷми 5 фасл роҷеъ ба шаклу сохтор, нақарот, вазн, қофияву радиф; чигунагии корбурди василаҳои зинаткории калом дар матни сурудҳои халқӣ, аз ҷумла: ташбеҳ, талмеҳ, муболиға, саволу ҷавоб ва ғайраҳо; ашколи мутародиф, ба истилоҳ, вариантҳои сурудҳои халқӣ; услуби сабки сурудҳои халқӣ; чигунагии ҳамоҳангии сурудҳои мазкур бо оҳангу мусиқӣ таҳқиқот бурдааст. Муаллиф дар ҳалли масоили ин қисмати таҳқиқаш муваффақ гардида, тавонистааст, ки вижагиҳои марбут бар шаклу сохтор, забону услуб, хусусиёти мансуб бар вазну орояҳои тасвирро дар робита бо сурудҳои халқии тоҷикӣ бикушояд.

Дар қисмати хулоса муаллифи диссертатсия дар 16 банди алоҳида андешаҳои муҳаққиқонаи хешро натиҷагирӣ карда, ҳар як назари ҷамъбастии худро дар такя бар мақолаҳои чопшудааш истеҳком бахшидааст.

Муаллиф, ҳамчунин, дар 7 банд роҷеъ ба корбурди амалии натиҷаҳои диссертатсия тавсияҳо додааст, ки ҳамагӣ қонеъкунанда мебошанд.

Таълифоти муаллифи диссертатсия низ пурра ҷавобгӯйи Тартиботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, чун ҳам аз нигоҳи теъдод (1 монография, 15 мақола дар маҷаллаҳои пазируфташудаи КОА ва 4 мақола дар конфронсҳои сатҳи гуногун) ва ҳам аз ҳайси фарогирии мавзуъ пурра мувофиқат менамоянд.

Забони таҳқиқи муаллиф шоистаи таҳсину арҷгузорӣ аст ва дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Муҳокимарониҳо, таҳлилу таҷзия, муқоисаҳои илмӣ низ мутобиқат бо сабку услуби таҳқиқоти диссертатсиониро доранд. Дар саропои кор, дар ҳама бобҳову фаслҳо муаллиф аз мисолҳои шоҳид фаровон истифода карда, тавассути онҳо афкору андешаҳо ва назарияҳои шахсии хешро мудаллалу асоснок намудааст. Ягон мисоли шоҳид, ки дар намои суруд аз ҷониби муаллиф оварда шудааст, мантиқан ва мавзуан аз афкори назарии муаллиф гусаставу дур нест. Ин равиши мустаҳсан дар саропойи фаслҳо ҷиддан риоя гардидааст.

Фишурда, яъне автореферати диссертатсия комилан дар сатҳи илмӣ навишта шуда, ҷавобгӯ бо тартиботу низоми пешниҳодшуда мебошад ва дар татобуқ бо диссертатсия мураттаб гардидааст.

Аммо, бо он ҳама муваффақиятҳо, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудҳо ё норасоиҳо ба чашм мерасанд, ки ҳаллу ислоҳи онҳо ба суди муаллиф хоҳад буд. Чунончи:

1. Дар кор, баъзан, хатоҳои имлоӣ мушоҳида мешаванд. Ин хатоҳо дар мавриди вожаи “аҳамият”, ки дар Қоидаи имлои забони тоҷикӣ бо як ҳарфи “м” омадааст ва, ҳамчунин, дар мавриди ибораи изофӣ сохтан бо вожаи “хос”-и арабӣ ба чашм мерасанд (автореферат: саҳ. 4, 5, 6). Вожаи “аҳамият”, ҳарчанд дар асли худ ташдиди “мим”, яъне “м” дорад, дар имло ҳамин гунаи хатояш қабул шудааст ва ҳангоми навиштор бояд

ҳамин шаклаш ба инобат гирифта шавад. Вожаи “хос” монанди дигар вожаҳои арабии “фан”, “хат”, “син”, “дур” ва ғайраҳо дар асли худ ташдиди ҳамсадои охирро дорад. Бинобар ин, ҳангоми корбурди он ба ҳайси вожаи нахустин дар ибораҳои изофӣ, ташдиди он бояд ба назар гирифта шавад ва дар шакли “хосси”, на “хоси” бояд ба кор бурда шавад.

2. Дар автореферат, баъзан, ноҳамоҳангӣ дар алоқаманд кардани мубтадо бо хабари ҷумла ба назар мерасад. Намунае аз ин адами тавофуқ дар корбурди феълҳои “гирифтан”, “шудан” ва “рафтан” ва робитаи аз ҳайси шумора нодурусти онҳо бо мубтадои ҷумла мебошад. Муаллиф гоҳе мубтадоро дар шакли ҷамъ ва хабарро дар шакли танҳо ва гоҳе баръакс, мубтадоро дар гунаи танҳо ва хабарро дар гунаи ҷамъ меоварад, ки ин бар матни кори вай коҳиши услубиро ба бор меоварад. Ҳамин ҳолат як бор дар сарсатри 6-уми саҳифаи 3-юм ва ду бор дар сарсатри чаҳоруми саҳифаи 4-ум ва як бор дар ҷумлаи панҷуми сарсатри чаҳоруми саҳифаи 5-уми автореферати диссертатсия мушоҳида мешавад. Ин хатоҳо – ҳама марбут бар муқаддимаи автореферат мебошанд ва ин маънои онро дорад, ки дар матни муқаддимаи диссертатсия ҳам такрор ёфтаанд, чун тибқи қоидаи пешниҳодшуда муқаддимаи автореферат бо диссертатсия бояд комилан як ва ҳазфношуда бошад.

Аммо, зикри ин нукта зарур аст, ки эродҳои боло на ба дараҷае таъсиргузор мебошанд, ки битавонанд бар кор халали ҷиддӣ ворид созанд, зеро вуҷуди онҳо дар қиёс бо мустаҳсаноту муваффақиятҳои кор камҷилва ва басо ночизанд. Муаллиф метавонад ғалатҳои мазкурро дар корҳои минбаъдаи худ, аз ҷумла зимни омода сохтани монографияи илмӣ, дар назар бигарад.

Хулосаҳои мухтасари таҳқиқот (аннотатсияҳо), ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

Д.и.ф., профессори кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон: Саидҷаъфаров О.Ш.

Имзои Саидҷаъфаров О.Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ: Шарипов У.А.

Сана: 02.05.2023

734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14,
Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Тел./факс: (+992) 200004900
e-mail: Ozod_060374@mail.ru